«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
______________ Иброҳзода З.Ҳ.
аз «___» ___ соли 202_ № 4

**ДАСТУРАМАЛ**
**ОИД БА ТАҲИЯИ САРБОРИИ ТАЪЛИМИИ ҲАЙАТИ ОЛИМОНУ ОМӮЗГОРОНИ МТҒ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати олимону омӯзгорони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд - Дастурамал) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011 (№118) тасдиқ карда шуда, «Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017 (№7/36) тасдиқ гардида, инчунин дигар асноди меъёрию ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Дастурамали мазкур меъёрҳои ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва тартиби муайян намудани ҳаҷми сарбории умумии ҳайати олимону омӯзгорони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»-ро (минбаъд - Донишкада) муайян менамояд.

1.2. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва ҳаҷми сарбории умумии олимону омӯзгорони донишкада бо назардошти иҷро намудани тамоми **шаклҳои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ**, ки аз вазифаҳои ишғолнамудаи онҳо, нақшаҳои таълимии ихтисосҳои тибқи зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, мутахассис, магистратура, докторантура аз рӯйи ихтисос (доктори фалсафа (PhD), шаклҳои амалкунандаи таҳсил (рӯзона, ғоибона, фосилавӣ), нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии донишкада бармеоянд, муқаррар карда мешавад.

1.3. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва ҳаҷми сарбории умумии олимону омӯзгорони донишкада барои як соли таҳсил аз корҳои: **таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ** иборат мебошад.



Scanned with CamScanner

1.4. Ҳуҷҷати муайянкунандаи сарбории умумии олимону омӯзгорони донишкада накшаи инфиродӣ ба шумор меравад, ки он тибқи меъёрҳои Дастурамали мазкур ва накшаи корҳои **таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ-тарбиявии кафедраҳо аз ҷониби ҳар як омӯзгор барои як соли таҳсил тартиб дода мешавад.**

## 2. Муайян намудани тарзи ҳисобкунии соатҳои кафедра ва сарбории умумии ҳайати олимону омӯзгорони донишкада

2.1. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо дар асоси замимаҳои ба Дастурамали мазкур замима гашта ба роҳ монда мешавад. Дар замимаҳо талаботи муайян намудани воҳиди вакт барои иҷрои шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодии омӯзгорони дар шакли кормандони **асосӣ, ҳамкор** (дохилӣ ё берунӣ) **ва соатбайъ** фаъолияткунанда, муайян карда мешавад.

2.2. Кормандони асосии кафедраҳо профессорон, дотсентон ва ассистентҳое ба шумор меравaнд, ки дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ дар асоси иштирок дар озмуни ишғоли вазифа бо қарори Шӯрои олимон, фармоиши ректор ва ба имзо расонидани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо раёсати донишкада ба мӯҳлати то 5 сол интихоб гардидаанд ва ё профессорон, дотсентон ва ассистентҳое, ки бо фармоиши ректори донишкада ба мӯҳлати то се моҳ ҳамчун иҷрокунандаи вазифа ба кор қабул карда мешаванд, ҳисобида мешаванд.

2.3. Ҳамкорони дохилии кафедраҳо профессорон, дотсентон ва ассистентҳое мебошанд, ки дар сохторҳои роҳбарӣ, кафедраҳо ва воҳидҳои дигари зерсохтории донишкада ҳамчун корманди асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият менамоянд ва бо фармоиши ректор танҳо барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ ба вазифаи профессор, дотсент ва ассистент ба кор қабул карда мешаванд.

2.4. Ҳамкорони берунии кафедраҳо профессорон, дотсентон ва ассистентҳое мебошанд, ки дар вазорату идораҳо, кафедраҳо ва воҳидҳои сохтории дигар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ, ҳамчун корманди асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ фаъолият менамоянд ва бо фармоиши ректори донишкада танҳо барои як соли таҳсил дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳиди корӣ ба вазифаи профессор, дотсент ва ассистент ба кор қабул карда мешаванд. Ҳамкорони берунӣ танҳо дар як муассисаи таълимӣ ба вазифаҳои профессорон, дотсентон ва ассистентҳои кафедраҳо дар асоси розигии ҳатмии роҳбари муассисае, ки дар он ҳамчун корманди асосӣ фаъолият менамоянд, ба муҳлати то як сол ба кор қабул карда мешаванд.



Scanned with CamScanner

2.5. Қабули олимону омӯзгорон дар шакли ҳамкорони дохилӣ ва берунӣ дар ҳаҷми 0,75 воҳиди корӣ ба тариқи истисно (муваққатан) дар асоси қарори Шӯрои олимони донишкада иҷозат дода мешавад.
2.6. Кормандони тариқи ҳамкор дар кафедраҳо дар ҳаҷми 0,25 - 0,5 ё 0,75 воҳиди корӣ ба кор қабулгардида ба монанди кормандони асосии кафедра фаъолият карда дар баробари иҷрои корҳои **таълимӣ инчунин корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодиро** тибқи реҷаи корӣ ва нақшаи инфиродии омӯзгорӣ иҷро менамоянд.
2.7. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии омӯзгорон бо кредит (ё соатҳои академӣ) ба роҳ монда мешавад. Барои ҳисоби соатҳои кафедра ва сарбории умумии омӯзгорон **1 кредит дар ҳаҷми 24 соати академӣ** муқаррар карда мешавад.
2.8. Ҳаҷми сарбории умумии омӯзгорони кафедраҳо тибқи қонунгузории амалкунанда дар як соли таҳсил (44 ҳафта, ба истиснои 8 ҳафтаи рухсатии меҳнатӣ) новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ барои **1,0 воҳиди корӣ 64 кредит** (1536 соат) муқаррар карда мешавад, ки он иҷрои корҳои зеринро дар бар мегирад:

- машғулиятҳои аудиторӣ (хондани лексия, гузаронидани дарсҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) – 16 кредит (25%);
- машғулиятҳои ғайриаудиторӣ (қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯйи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм) – 7 кредит (11%);
- корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ (пешниҳод ва тасдиқи мавзуъҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён, назорати вазъи иҷрои мустақилона аз ҷониби донишҷӯён, қабул ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён - 10 кредит (16%);
- корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ – 31 кредит (48%);

2.9. Реҷаи кории кормандони асосии кафедраҳо бо назардошти иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ–методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ дар як ҳафта дар ҳаҷми **35 соат** муайян карда мешавад.
2.10. Вақти иҷрои корҳои таълимии ҳайати олимону омӯзгорони кафедраҳо ҳамчун сарбории таълимӣ тибқи тақвимӣ академӣ, ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ, ҷадвалҳои қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ дар давраҳои асосӣ ва иловагӣ (триместр)-и сессияҳои имтиҳонӣ танзим карда мешавад.
2.11. Ҳисоби соатҳои кафедраҳо ва сарбории умумии олимону омӯзгорон аз ҷониби мудирони кафедраҳо **то оғози ҳар як соли**



Scanned with CamScanner

таҳсил дар асоси талаботи Дастурамали мазкур таҳия ва бо қарори Шӯрои олимони донишкада ҷонибдорӣ ва бо фармоиши ректори донишкада тасдиқ карда мешавад.

### 3. Меъёрҳои муайян намудани сарбории таълимии ҳайати олимону омӯзгорони донишкада

3.1. Сарбории таълимии олимону омӯзгорон аз сарбории таълимии фаъол (гузаронидани машғулиятҳои аудиторӣ - дарсҳои лексионӣ, лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор) ва ғайрифаъол (назорат ва баҳодиҳӣ ба корҳои мустақилонаи донишҷӯён, қабули рейтингҳои академӣ ва имтиҳонҳои ниҳоӣ, гузаронидани мусоҳибаҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм) иборат мебошад.

3.2. Барои муайян намудани ҳаҷми тамоми шаклҳои корҳои таълимии сарбории таълимии ғайрифаъоли омӯзгорон риояи талаботи замимаҳои Дастурамали мазкур ҳатмӣ мебошад.

3.3. Донишкада ҷиҳати ворид намудани соатҳо барои роҳбарии таҷрибаомӯзҳо, роҳбарии кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаҳои хатми бакалавр, рисолаҳои дипломии мутахассис, рисолаҳои илмии магистрҳо, докторантура аз рӯи ихтисос (доктори фалсафа (PhD) ва аъзои комиссияҳои аттестатсияи хатм ба сарбории таълимии кормандони асосӣ (дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ), ҳамкорони дохилӣ ва берунӣ (дар ҳаҷми 0,25-0,5 воҳидӣ корӣ) ва ё муайян намудани иҷрои онҳо дар шакли соатбайъ мустақил мебошад.

3.4. Донишкада дар муайян намудани ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳо барои кормандони асосӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди корӣ танҳо аз ҳисоби соатҳои фанҳои таълимии кафедраҳо, ки тадриси онҳо аз рӯи ихтисосҳои амалкунандаи шакли таҳсили рӯзона ба роҳ монда мешавад, мустақил мебошад.

3.5. Сарбории таълимии омӯзгорони донишкада ба истиснои омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонии кафедраҳои умумидонишкадавӣ бо назардошти иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали дарсӣ барои 1,0 воҳиди корӣ новобаста аз вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ дар ҳаҷми 33 кредит (792 соат) муқаррар карда мешавад.

3.6. Сарбории таълимии омӯзгорони кафедраҳои умумидонишкадавии тарбияи ҷисмонӣ ба истиснои ихтисосҳои соҳаи варзиш бо назардошти иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали дарсӣ барои 1,0 воҳиди корӣ дар ҳаҷми 32 кредит муайян карда мешавад.

3.7. Донишкада дар асоси зарурати истеҳсолӣ метавонад бо қарори Шӯрои олимон ҳаҷми сарбории таълимии омӯзгорони кафедраҳоро



Scanned with CamScanner

барои як воҳиди корӣ вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ тафриқавӣ муқаррар намояд.

Ҷадвали 1

**Ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони кафедраҳо вобаста ба вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ барои 1,0 воҳиди корӣ**

| № | Вазифа, дараҷа ва унвони илмӣ | Ҳаҷми сарбории таълимии: | | | | КМРО берун аз ҷадвали дарсӣ | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | фаъол | | ғайрифаъол | | | | | |
| | | соат | кредит | соат | кредит | соат | кредит | соат | кредит |
| 1. | Профессор, доктори илм | 384 | 16 | 168 | 7 | 240 | 10 | 792 | 33 |
| 2. | Дотсент, номзади илм | 432 | 18 | 168 | 7 | 240 | 10 | 840 | 35 |
| 3. | Дотсент, бе дараҷаи илмӣ | 432 | 18 | 168 | 7 | 240 | 10 | 840 | 35 |
| 4. | Ассистент, номзади илм | 456 | 19 | 168 | 7 | 240 | 10 | 864 | 36 |
| 5 | Ассистент, бе унвони илмӣ | 480 | 20 | 168 | 7 | 240 | 10 | 888 | 37 |

Эзоҳ: КМРО – кори мустаъқилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор.

3.8. Роҳбарӣ ба теъдоди муайяни кор ва лоиҳаҳои курсӣ, рисолаи хатми бакалаврӣ, рисолаи дипломии мутахассис ва рисолаи илмии магистрӣ барои омӯзгорон дар асоси қарори Шӯрои олимони донишкада ба роҳ монда мешавад.

3.9. Дар сурати дар кафедра нарасидани кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта бо қарори Шӯрои олимони донишкада ба ассистентҳо барои гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ дар ҳаҷми то 6 кредит (144 соат) иҷозат дода мешавад.

3.10. Омӯзгорон дар давраи бемор будан ва ё гузаштан аз курсҳои такмили ихтисос аз иҷрои сарбории таълимӣ озод карда мешаванд. Машғулиятҳои дарсии онҳо дар ин давра аз ҷониби дигар омӯзгорони кафедраҳо тариқи иҷро намудани сарбории иловагии таълимӣ дар шакли соатбайъ гузаронида мешаванд. Дар баробари ба охир расидани табобат ва ё ба анҷом расонидани курсҳои такмили ихтисос дар ҳолати идома додани фаъолияти омӯзгорӣ, сарбории таълимии онҳо барои давраи боқимондаи соли таҳсил дар ҷаласаи кафедраҳо аз нав тасдиқ карда мешавад.

## 4. Тартиби таҳия ва тасдиқи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорон

4.1. Мудирони кафедраҳо вазифадор мебошанд, ки дар заминаи ҷадвали воҳидҳои корӣ соатҳои кафедраро дар мувофиқа бо декани факултет дар байни ҳайати омӯзгорон тақсим карда, ба раёсати таълим пешниҳод намоянд.



Scanned with CamScanner

4.2. Дар сурати нарасидани омӯзгорони асосӣ, инчунин бо мақсади ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба мудирони кафедраҳо дар мувофиқа бо декани факултет ва раёсати таълимии донишкада метавонад мутахассисонро дар шакли ҳамкор ё соатбайъ аз дигар муассисаҳои таълимӣ ё корхонаву муассисаҳои ҷумҳурӣ даъват намоянд.

4.3. Ҳайати омӯзгорон нақшаи инфиродии худро тибқи намунаи Нақшаи инфиродии бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида таҳия менамоянд. Нақшаи инфиродии омӯзгорони кафедраҳо мазмуни мундариҷаи фаъолияти **солона ва панҷсолаи онҳоро муайян менамояд.**

4.4. Дар нақшаҳои инфиродии омӯзгорони кафедраҳо тамоми шаклҳои **корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ** вобаста ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ба қайд гирифта мешавад.

4.5. Нақшаи инфиродии омӯзгорон дар ҷаласаи кафедраҳо муҳокима карда шуда, бо гузоштани имзо аз тарафи омӯзгорон, мудирони кафедра, деканҳои факултет, муовинони ректор оид ба таълим, илм ва тарбия тасдиқ карда мешаванд.

4.6. Нақшаи инфиродии омӯзгорон дар тамоми давраи фаъолияташон дар ду нусха (нусхаи якум дар кафедра ва нусхаи дуюм дар раёсати таълим нигоҳ дошта мешавад.

4.7. Дар охири соли таҳсил ҳар ду нусхаи нақшаи инфиродии омӯзгор бо қайди иҷрои воқеии **корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ** ва пешниҳоди ҳисоботи солона аз ҷониби мудирони кафедра ва деканҳои факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба раёсатҳои **таълим, илм ва тарбия** супорида мешаванд.

4.8. Ҳаҷми сарбории таълимии дар шакли соатбайъ аз ҷониби кормандони асосии кафедраҳо иҷрошаванда ва пардохти музди меҳнати онҳо бо назардошти сарф гардидани вақти воқеӣ муайян карда шуда, **дар як соли таҳсил то 10 кредит муқаррар карда мешавад.**

4.9. Ҳаҷми сарбории таълимии аз ҷониби ҳамкорони дохилии кафедраҳо дар шакли соатбайъ иҷрошаванда ва пардохти музди меҳнати онҳо бо назардошти сарф гардидани вақти воқеӣ ба ҳисоб гирифта шуда, **дар як соли таҳсил то 6 кредит муқаррар карда мешавад.**

## 5. Нишондиҳандаҳои муайян намудани воҳидҳои вақт барои ҳисоби соатҳои кафедра

5.1. Теъдоди донишҷӯён барои гузаронидани шаклҳои гуногуни машғулиятҳои дарсӣ (лексия, машғулиятҳои семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ) **дар гурӯҳҳои академӣ 25 нафар ва дар зергурӯҳҳо 12-13 нафар муқаррар карда мешавад.**



Scanned with CamScanner

5.2. Бо назардошти дар натиҷаи қабул, хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён пурра нагардидан ё аз меъёри муқарраргардида зиёд шудани теъдоди онҳо, ба тарзи истисно барои муайян намудани теъдоди донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ – **аз 19 то 35 нафар ва дар зергурӯҳҳо – аз 9 то 18 нафар иҷозат дода мешавад.**

5.3. Донишкада дар муайян намудани теъдоди донишҷӯён барои гузаронидани машғулияти лексионӣ дар шакли гурӯҳҳои академии якҷоя (патокҳо) мустақил мебошад.

5.4. Нишондиҳандаи дигари муайян намудани воҳидҳои вақт барои ҳисоби соатҳои кафедраҳои донишкада вобаста ба иҷро намудани шаклҳои гуногуни корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ, тавассути кредитҳо (ё соатҳои академӣ) ба қайд гирифта мешаванд, тибқи тавзеҳномаи Дастурамали мазкур ба роҳ монда мешавад.

**Тавзеҳнома**
**ба Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони донишкада**

1. Меъёрҳои дар тавзеҳнома овардашуда тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.02.2017, №94), Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 12.2016, №19/24) ва Дастурамал оид ба таҳияи сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2017, №7/36) муайян карда шудааст.
2. Корҳои ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли сарбории умумӣ дар ҳаҷми 64 кредит (ё 1536 соат) муқаррар карда шудааст. Сарбории умумии ҳайати омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ ба қисмҳои сарбории таълимӣ ва корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ ҷудо мешавад.
3. Қисми якуми сарбории омӯзгорони донишкада танҳо дар шакли иҷро намудани корҳои таълимӣ (сарбории таълимии фаъол, ғайрифаъол ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ) муқаррар гардида, ҳадди ақали ҳаҷми иҷро намудани он барои 1,0 воҳиди корӣ дар як соли таҳсил ба 33 кредит (ё 792 соат) баробар мебошад.
4. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳолати бо назардошти махсусияти фанҳои таълимӣ пурра нагардидани сарбории таълимии ғайрифаъоли омӯзгорони кафедраҳои



Scanned with CamScanner

умумидонишкадавӣ, аз ҷумла кафедраҳои умумидонишкадавии илмҳои ҷомеашиносӣ метавонанд ин қисмро аз ҳисоби кредитҳои сарбории фаъол пурра гардонанд.

Ҷадвали 2

**Меъёрҳои муайян намудани ҳаҷми сарбории таълимии ҳайати омӯзгорони донишкада**

| Намудҳои фаъолияти таълимӣ | Меъёрҳои вақт барои ҳисоби сарборӣ бо соат-ҳои академӣ ё кредит | Тавзеҳот |
|---|---|---|
| **Сарбории таълимии фаъол** | 384 соат | |
| Хондани лексия | 1 соат | ба гурӯҳҳои то 100 нафар |
| Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ семинарӣ | 1 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафара |
| Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хориҷӣ | 1 соат | ба як зергурӯҳи 10-19 нафара |
| Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ | 1 соат | ба як зергурӯҳи 10-19 нафара |
| Гузаронидани КМРО мувофиқи ҷадвали дарсӣ | 1 соат | ба як гурӯҳӣ 20 – 35 нафара |
| **Сарбории таълимии ғайрифаъол** | 168 соат | |
| Гузаронидани машварат пеш аз имтиҳонҳои ниҳоӣ новобаста аз шакли қабули онҳо (тестӣ, хаттӣ, шифоҳӣ) | 1 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафара |
| Қабули имтиҳонҳои фосилавӣ тариқи тестӣ бо истифода аз компютер | 3 соат | ба як гурӯҳи 20-35 нафара |
| Қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи хаттӣ | 0,2 соат | ба як донишҷӯ |
| Қабули имтиҳони ниҳоӣ бо тарзи шифоҳӣ | 0,4 соат | ба як донишҷӯ |
| Қабули корҳои назоратӣ (барои шаклҳои таҳсили ғоибона ва фосилавӣ) | 0,2 соат | ба як донишҷӯ |
| Иштирок дар Комиссияи аттестат-сияи хатм барои раис ва аъзо | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба корҳои курсии фаннӣ | 1-2 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба корҳои курсии тахассусӣ | 3 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии таълимӣ | 36 соат | ба як зергурӯҳ дар як ҳафта |
| Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ | 12 соат | ба як гурӯҳ дар як ҳафта |
| Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 3-юми ихтисосҳои алоҳида ва курси 4-уми ихтисосҳои ҳамгиро | 24 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ |
| - ба роҳбари факултетӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) | 12 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба методисти фанни педагогика | 2 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба методисти фанни психология | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба директори муассисаи таълимӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба омӯзгори фаннӣ | 6 соат | ба як донишҷӯ |



Scanned with CamScanner

| | | |
|---|---|---|
| - ба роҳбари синф | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба масъули таҷрибаомӯзӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба таҷрибаомӯзии педагогӣ дар курси 4-уми ихтисосҳои алоҳида ва курси 5-уми ихтисосҳои ҳамгиро | 36 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ |
| - ба роҳбари факултетӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба роҳбари гурӯҳӣ (фаннӣ) | 18 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба методисти фанни педагогика | 3 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба методисти фанни психология | 2 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба директори муассисаи таълимӣ | 0,5 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба омӯзгори фаннӣ | 9 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба роҳбари синф | 1,5 соат | ба як донишҷӯ |
| - ба масъули таҷрибаомӯзӣ | 1 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба рисолаи хатми бакалавр ва рисолаи дипломии мутахассис | 18 соат | ба як донишҷӯ |
| Роҳбарӣ ба рисолаи илмии магистр | 36 соат | ба як донишҷӯ дар давраи таҳсил |
| **КМРО берун аз ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ** | 240 соат | |
| Пешниҳоди мавзуъҳои КМД | 15 | барои як сол |
| Тасдиқи мавзуъҳои КМД | 15 | барои як сол |
| Назорати вазъи иҷрои КМД | 74 | барои як сол |
| Баҳодиҳӣ ба КМД | 120 | барои як сол |

**Эзоҳ: КМД** – Кори мустақилонаи донишҷӯй

5. Қисми дуюми сарбории омӯзгорони донишкада дар шакли иҷро намудани корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодӣ пешбинӣ гардида, ҳаҷми иҷро намудани онҳо барои 1,0 воҳиди корӣ дар як соли таҳсил 31 кредит (ё 744 соат)-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 3

**Меъёрҳои муайян намудани ҳаҷми корҳои таълимӣ-методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявии ҳайати омӯзгорони донишкада**

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| **Корҳои таълимӣ-методӣ ва ташкилӣ - методӣ** | | | **200 - 250** |
| Таҳияи китоби дарсӣ | тавсияи ВМ ва И | 1 ҷ.ч. | 40 |
| Тарҷумаи китоби давлатҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ | тавсияи ВМ ва И | 1 ҷ.ч. | 40 |
| Таҳияи китоби дарсӣ ба забони тоҷикӣ (фанҳои тахассусӣ) | тавсияи ВМ ва И | 1 ҷ.ч. | 60 |
| Таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 ҷ.ч. | 25 |
| Таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ ба забони англисӣ | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 ҷ.ч. | 45 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| аз фанҳои тахассусӣ | | | |
| Таҳияи барномаи кории фан (силлабус) | тавсияи ШМ факултет | 1 фан | 20 |
| Таҳияи матни нави лексияҳо | Қарори кафедра | фан | 32 |
| Таҳияи матни нави лек-сияҳо ба забони тоҷикӣ (фанҳои тахассусии равияҳои техникию табиӣ ва тиббию биологӣ) | Қарори кафедра | 1 фан | 48 |
| Барномаи таълимии фан, ки аз ҷониби ВМ ва И ҶТ тасдиқ мешавад | | 1 фан | 50 |
| Таҳияи супоришҳои тестии электронӣ барои қабули имтиҳони ниҳоии фанни таълимӣ (на камтар аз 100 супориши тестӣ барои 1 кредит) | тавсияи ШМ факултет | 1 кредит | 30 |
| Таҳия ва истифодаи маводи таълимии мултимедӣ: (Power Point, MS Excel, Archi Cad, MaxStudio ва ғайра) | Тавсияи ШМ ДТИТ | 1 фан | 50 |
| Коркарди курсҳои электронии таълимӣ барои таҳсилоти фосилавӣ | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 фан | 50 |
| Таҳияи дастуру воситаҳои электронии таълимии дорои элемент (хусусият)-ҳои мултимедӣ ва усулҳои фаъоли таълим | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 фан | 70 |
| Таҳияи дастуру воситаҳои электронии таълимии дорои элемент (хусусият)-ҳои мултимедӣ ва усулҳои фаъоли таълим ба забони тоҷикӣ | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 фан | 70 |
| Таҳияи барномаи фанҳои таълимӣ ба забони англисӣ барои ихтисосҳои ғайри-филологӣ | тавсияи ШМ ДТИТ | 1 фан | 80 |
| Иштирок дар ташкил ва гузаронидани олимпиадаҳои фании хонандагон ва донишҷӯён | фармоиши ректор | 1 фан | 20 |
| Экспертиза, таҳрир ва танзими истилоҳоти техникии маводҳои таълимӣ | тасдиқи ШМ ДТИТ | 1 ҷ.ч. | 20 |
| Аъзои гурӯҳи кории | Қарори Ҳукумат | 1 комиссия | 60 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| Ҳукуматӣ | | | |
| Аъзои гурӯҳи кории ВМ ва И | фармоиши вазир | 1 комиссия | 40 |
| Аъзои Шӯрои олимони донишкада | фармоиши ректор | | 40 |
| Котиби Шӯрои олимони донишкада | фармоиши ректор | | 50 |
| Аъзои гурӯҳи кории Шӯрои олимони донишкада | фармоиши ректор | 1 комиссия | 20 |
| Аъзои Шӯрои олимони факултет | фармоиши ректор | | 30 |
| Котиби Шӯрои олимони факултет | фармоиши ректор | | 40 |
| Аъзои Шӯрои методии донишкада | фармоиши ректор | | 30 |
| Котиби Шӯрои методии донишкада | фармоиши ректор | | 40 |
| Аъзои Шӯрои методии факултет ва гурӯҳҳои кории факултет | фармоиши ректор | | 20 |
| Котиби Шӯрои методии факултет | фармоиши ректор | | 25 |
| Роҳбарии кафедра (Мудири кафедра) | фармоиши ректор | | 60 |
| Иштирок ба дарсҳои ҳамдигар | Тибқи ҷадвали кафедравӣ | 1 дарс | 3 Ду соат барои иштирок, як соат барои таҳлил ва пешниҳоди хулоса |
| **Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва варзишӣ** | | | 300 - 450 |
| Нашри монографияи илмӣ | Қарори Шӯрои нашр ва татбиқ | 1 ҷ.ч. | 60 |
| **Корҳои илмии нашршуда** | | | |
| - Нашриёҳои «Scopus», «Web of Science» ва амсоли онҳо | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 300 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - Нашриёҳои КОА назди Президенти ҶТ ва ФР | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 100 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - нашриёҳои ШИИР (РИНЦ) | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 80 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - нашриёҳои дигари байналмилалӣ, аз он | нусхаи маводи чопи ва сомонаи | 1 мақола | 60 соат ба муал- |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| ҷумла маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ | интернетӣ | | лифон тақсим мешавад |
| - нашрияҳои дигари ҷумҳуриявӣ, аз он ҷумла маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 40 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - маводҳои конференсияҳои донишкадавӣ ва донишгоҳӣ | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 30 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - фишурдаи мақолаҳо (тезис) | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 15 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| **Роҳбарӣ ба корҳои илмии чопшудаи донишҷӯён ва магистрантҳо (ба истиснои корҳои дар банди 2.2 нишондодашуда)** | | | |
| - нашрияҳои хориҷи дур | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 100 |
| - нашрияҳои хориҷи наздик | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 70 |
| - нашрияҳои ҷумҳуриявӣ | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 30 |
| - нашрияҳои донишкадавӣ ва донишгоҳӣ | нусхаи маводи чопи ва сомонаи интернетӣ | 1 мақола | 20 |
| **Дарёфти** | | | |
| - нахустпатент барои ихтироот (ҷумҳуриявӣ) | ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда | 1 патент | 120 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - патент барои ихтироот | ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда | 1 патент | 140 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - патент барои ихтироот (евроосиёӣ) | ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда | 1 патент | 180 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - патент барои ихтироот (байналмилалӣ) | ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда | 1 патент | 180 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - Шаҳодатнома барои | ҳуҷҷатҳои | 1 нишон | 80 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| Маҳсулоти зеҳнӣ | тасдиққунанда | | соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| - Ташкил ва гузаронидани озмуни «Ихтирокорони ҷавон» | ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда | | 50 |
| Тақриз ба: | | | |
| -монография | Нусхаи тақриз | 1 моно-я | 30 |
| -автореферат | Нусхаи тақриз | 1 авт-т | 6 |
| -мақолаи илмӣ | Нусхаи тақриз | 1 мақола | 2 |
| Роҳбарӣ ба семинари илмии доимоамалкунандаи | | | |
| -донишгоҳӣ | фармоиши ректор | 1 сол | 30 |
| -факултет | фармоиши ректор | 1 сол | 20 |
| -кафедра | фармоиши ректор | 1 сол | 15 |
| Роҳбари ҶИД дар факултет | фармоиши ректор | 1 сол | 40 |
| Гузаронидани экспертизаи лоиҳаҳои илмӣ | фармоиши роҳбари мақомоти дахлдор | 1 лоиҳа | 20 барои 1 ч.ч |
| Дарёфти грант барои иҷрои лоиҳа | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 150 соат ба муаллифон тақсим мешавад |
| Роҳбарӣ ба лоиҳаи байналмилалии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 150 |
| Иштирок дар лоиҳаи байналмилалии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 50 |
| Роҳбарӣ ба лоиҳаи ҷумҳуриявии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 120 |
| Иштирок дар лоиҳаи ҷумҳуриявии илмӣ, илмӣ-таълимӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 50 |
| Роҳбарӣ ба лоиҳаи илмӣ аз рӯи мавзуъҳои фармоишӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 100 |
| Иштирок дар лоиҳаи илмӣ аз рӯи мавзуъҳои фармоишӣ | фармоиши ректор | 1 лоиҳа | 50 |
| Аъзои ҳайати таҳририяи маҷаллаҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР | фармоиш | 1 маҷалла | 50 |
| Оппоненти расмии рисолаи илмӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 рисола | 25 |
| Аъзои Шурои диссертатсионӣ барои як сол (дар донишкада) | | | |
| раис | фармоиши КОА | | 60 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| муовини раис | фармоиши КОА | | 50 |
| котиби илмӣ | фармоиши КОА | | 80 |
| аъзо | фармоиши КОА | | 30 |
| Аъзои Шӯрои татбиқ ва нашри корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишкада | фармоиши ректор | | 20 |
| Омодасозии хулосаи кафедра (факултет, донишкада) нисбат ба рисолаҳои илмӣ (ҳамчун муассисаи пешбар) | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 рисола | 60 ба омӯзгорони хулосадиҳанда |
| Чопи автореферати рисолаи номзадӣ ва докторантураи PhD (ҳимоя) | Қарори ШД | | 300 |
| Чопи автореферати рисолаи докторӣ (ҳимоя) | Қарори ШД | | 400 |
| Омода намудани донишҷӯёни озмунҳои донишкадавии илмӣ, ихтироъкорӣ, конференсияҳо ва дорандаи ҷоизаҳо | Фармоиши ректор | Барои донишҷӯён | 25 |
| Омода намудани донишҷӯёни озмунҳои ҷумҳуриявии илмӣ, ихтироъкорӣ, конференсияҳо ва дорандаи ҷоизаҳо | Фармоиши ректор | Барои донишҷӯён | 30 |
| Омода намудани донишҷӯёни озмунҳои байналмилалии илмӣ, ихтироъкорӣ, конференсияҳо ва дорандаи ҷоизаҳо | Фармоиши ректор | Барои донишҷӯён | 50 |
| Татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар раванди таълим (истеҳсолот) | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 санад | 30 |
| Ташкили конференсияи байналмилалӣ ба сифати: | | | |
| - раис | фармоиши ректор | 1 конф-я | 50 |
| - котиб | фармоиши ректор | 1 конф-я | 40 |
| - аъзои кумитаи тадорук | фармоиши ректор | 1 конф-я | 30 |
| Ташкили конференсияи ҷумҳуриявӣ ба сифати: | | | |
| - раис | фармоиши ректор | 1 конф-я | 40 |
| - котиб | фармоиши ректор | 1 конф-я | 30 |
| - аъзои кумитаи тадорук | фармоиши ректор | 1 конф-я | 20 |
| Ташкили конференсияи донишкадавӣ ба сифати: | | | |
| - раис | фармоиши ректор | 1 конф-я | 30 |
| - котиб | фармоиши ректор | 1 конф-я | 25 |
| - аъзои кумитаи тадорук | фармоиши ректор | 1 конф-я | 10 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| Гузаштан аз курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ | сертификат | 1 курс | 60 |
| Ғолиби озмунҳои донишкадавии илмӣ ва ихтироъкорӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 озмун | 50 |
| Ғолиби озмунҳои ҷумҳуриявии илмӣ ва ихтироъкорӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 озмун | 60 |
| Ғолиби озмунҳои байналмилалии илмӣ ва ихтироъкорӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 озмун | 100 |
| Ташкили олимпиадаи донишкадавии донишҷӯён ба сифати: | | | |
| - раис | фармоиши ректор | 1 олимпиада | 30 |
| - котиб | фармоиши ректор | 1 олимпиада | 25 |
| - аъзои кумитаи тадорук | фармоиши ректор | 1 олимпиада | 10 |
| Роҳбарӣ ба рисолаи илмии магистрӣ | фармоиши ректор | 1 донишҷӯ | 32 |
| Роҳбарӣ ба рисолаи илмии унвонҷӯй, аспирант (докторанти PhD) | фармоиши ректор | 1 аспирант | 100 |
| Роҳбарии барномаҳои алоҳидаи дастаҳои таълимӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 80 |
| Омодасозии чорабиниҳои тақвимӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 100 |
| Омодасозии сенарияҳои чорабиниҳои фарҳангӣ - фароғатӣ: | | | |
| - шавқовар 1 ҷузъи чопии муаллифӣ, намоишӣ- бозигӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 70 |
| - анъанавӣ - маросимӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 80 |
| - идҳои оммавӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 200 |
| Таҳияи филмҳои ҳуҷҷатӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 300 |
| Ҷамъоварии маводҳои бойгонӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 70 |
| Роҳбарӣ ба маҳфили эҷодии донишҷӯён | Пешниҳоди ҳуҷҷати | | 80 |

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| гардидаанд | | | |
| Навбатдорӣ дар хобгоҳҳои донишҷӯён ва бинои таълимӣ дар давоми сол | Ҷадвал ва журнали навбатдорӣ | 1 навб-ӣ | 5 |
| Роҳбарӣ ба маҳфилҳои тарбиявӣ-ватандӯстии донишҷӯёни кафедра дар давоми сол | Нақша ва ҳисоботи маҳфил | 1 маҳфил | 50 |
| Сарпарасти гурӯҳи академӣ | Фармоиши ректор | 1 гуруҳ (дар нимсола) | 32 |
| Нашри мақолаҳо дар бораи ватандӯстӣ, ҳуввияти миллӣ, одобу ахлоқ, тағриби донишҳо ва ғайра дар: | | | |
| - Рӯзномаи донишкадавӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 25 |
| -Рӯзномаҳои расмии ҷумҳуриявӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 50 |
| -Маҷаллаҳои расмии ҷумҳуриявӣ | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 50 |
| - Рӯзномаҳои расмии хориҷи кишвар (ба забони русӣ) | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 60 |
| -Маҷаллаҳои расмии хориҷи кишвар (ба забони русӣ) | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 70 |
| -Маҷаллаҳои расмии хориҷи кишвар (ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ) | ҳуҷҷати тасдиққунанда | 1 мақола | 90 |
| Ташкили вохуриҳо бо роҳбарони ташкилоту идораҳои давлатӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ собиқадорони ҷангу меҳнат ва дигар шахсияти маъруф дар сатҳи: | | | |
| - Донишкада | протокол | 1 вохӯрӣ | 20 |
| - Факултет | протокол | 1 вохӯрӣ | 15 |
| - Кафедра | протокол | 1 вохӯрӣ | 10 |
| Ташкили чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ | | | |
| -Иштирок дар тайёрӣ ва гузаронидани роҳпаймоӣ бахшида ба ҷашнҳои миллӣ | ҳуҷҷати тасдиқшуда | 1 чорабинӣ | 80 |
| -Иштирок дар тайёрӣ ва гузаронидани барномаҳои фарҳангӣ | ҳуҷҷати тасдиқшуда | 1 чорабинӣ | 30 |
| -Иштирок дар тайёрӣ ва гузаронидани маҳфили зарифон ва ғайра | ҳуҷҷати тасдиқшуда | 1 чорабинӣ | 80 |
| Ташкили чорабиниҳои | | | |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| варзишӣ дар сатҳи: | | | |
| - Факултет | фармоиши ректор | 1 чорабинӣ | 10 |
| - Хобгоҳҳо | фармоиши ректор | 1 чорабинӣ | 10 |
| - Донишкадавӣ | фармоиши ректор | 1 чорабинӣ | 15 |
| - Шаҳрӣ | фармоиши ректор | 1 чорабинӣ | 20 |
| - Ҷумҳуриявӣ | фармоиши ректор | 1 чорабинӣ | 80 |
| Ташкили экскурсияҳо барои донишҷӯён ба ҷойҳои таърихӣ, осорхонаҳо, китобхонаҳо ва ғайра | Тасдиқи ШТИ | 1 экскурсия | 15 |
| Ташкили озмунҳои (хобгоҳҳои беҳтарин, ҳуҷраи беҳтарин, куратори беҳтарин, синфхонаи беҳтарин ва ғайра): | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 50 |
| Ташкили озмуни донишҷӯи сол, сардори сол, беҳтарин раиси созмони ҷавонон | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда | | 50 |

**Эзоҳ: ВМ ва И ҶТ** – Вазорати маориф ва илми ҶТ;
**КОА** - Комиссияи олии аттестатсионӣ;
**ШМ ДТИТ** – Шӯрои методии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон;
**Ҷ.Ч.** – Ҷилди чопӣ;
**ҶИД** – Ҷамъияти илмии донишҷӯён.

**Ҳаҷми минималии қисми дуюми сарбории омӯзгорони донишкада барои як басти корӣ ба миқдори зерин муайян карда мешавад.**

- Корҳои таълимӣ-методӣ 200 - 250
- Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ 300 - 450
- Корҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ 100 - 200

Дар маҷмӯъ қисми дуюми сарбории омӯзгорони донишкада барои як басти корӣ бояд аз 31 кредит (744 соат) кам набошад.

**Барои омӯзгороне, ки аз 0,25 то 1,75 басти корӣ доранд, қисми дуюми сарборӣ мувофиқан ба андозаи зерин муайян карда мешавад:**

| Басти корӣ | Қисми дуюми сарборӣ дар маҷмӯъ, соат | Ҳаҷми минималии қисми дуюми сарборӣ, соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | таълимӣ-методӣ | илмӣ-таҳқиқотӣ | иҷтимоӣ-тарбиявӣ |
| 0,25 | 186 | 50 | 75 | 25 |
| 0,5 | 372 | 100 | 150 | 50 |
| 0,75 | 558 | 150 | 225 | 75 |



Scanned with CamScanner

| Номгӯйи корҳо | Асос | Воҳиди ченак | Соат |
|---|---|---|---|
| | тасдиқкунанда | | |
| Роҳбарӣ ба маҳфили варзишии донишҷӯён | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда | | 80 |
| Барои омода намудани донишҷӯён ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи донишкадавӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда | | 50 |
| Барои омода намудани донишҷӯён ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи вилоятӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда | | 100 |
| Барои омода намудани донишҷӯён ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи ҷумҳуриявӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда | | 150 |
| Барои омода намудани донишҷӯён ба мусобиқаҳои варзишии сатҳи байналхалқӣ | Пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунанда | | 300 |
| **Корҳои иҷтимоӣ-тарбиявӣ** | | | 100 - 200 |
| Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба такмил додани низоми корҳои тарбиявӣ дар сатҳи кафедра (семинарҳо, мизҳои мудаввар ва ғайра) | Протоколи кафедра | 1 чорабинӣ | 20 |
| Коркарди маводи методӣ оид ба корҳои тарбиявӣ | Тавсияи ШМ ДТИТ | 1ҷ.ч | 20 |
| Ташкили чорабинии тарбиявӣ дар сатҳи кафедра | Протоколи чорабинӣ | 1 чорабинӣ | 20 |
| Ташкили чорабинии тарбиявӣ дар сатҳи факултет | Протоколи чорабинӣ | 1 чорабинӣ | 30 |
| Иштирок дар озмунҳои факултетӣ | Протоколи чорабинӣ | 1озмун | 10 |
| Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои донишкадавии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор гардидаанд | пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ғолибият | 1 донишҷӯ | 20 |
| Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор гардидаанд | пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ғолибият | 1 донишҷӯ | 30 |
| Омода намудани донишҷӯёне, ки дар озмунҳои байналмилалии эҷодӣ, варзишӣ ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор | пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ғолибият | 1 донишҷӯ | 50 |



Scanned with CamScanner

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 744 | 200 | 300 | 100 |
| 1,25 | 930 | 250 | 375 | 125 |
| 1,5 | 1116 | 300 | 450 | 150 |
| 1,75 | 1302 | 350 | 525 | 175 |

Дастурамал дар Шурои олимони донишкада 30.03 соли 2022 (протоколи № 9/3-1) баррасӣ гардида, маъкул дониста шудааст.



Scanned with CamScanner